# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Шарипов Шариф Раҳмонович дар мавзуи «Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (Масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Диссертатсияи Шарипов Шариф Раҳмонович ба таҳқиқи ҷанбаҳои поэтикии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ бахшида шуда, мақоми ин шоир дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд муайян карда шудааст. Дар ҳақиқат, омӯхтани ҷанбаҳои муҳтавоӣ-поэтикии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ барои муайян намудани такомули ғазали сабки ҳиндӣ дар ин мавзеъ ва садаҳои мазкур зарур аст. Мушаххас сохтани як қатор вижагиҳои ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ, ки шеъри ӯро дар густараи адаби форсии тоҷикӣ нисбат ба шоирони дигари сабки ҳиндӣ мутамоййиз сохтааст, раванди такмили ин жанрро дар сабки ҳиндӣ равшан менамояд ва ин масъала дар диссертатсияи Шарипов Ш.Р. ба тариқи муфассали илмӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Дар диссертатсияи Шарипов Ш.Р. мавзуъ, муҳтаво, сохтор, вазн, мусиқӣ, сабк, воситаҳои баён, тасвир ва таъсирпазирию таъсиргузории ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ таҳқиқ шудаанд, ки ин масъалаҳо барои равшан намудани мақоми шоир дар такомули ғазал ва мавқеи ғазалиёти шоир дар густараи адаби форсии тоҷикӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Дар диссертатсияи Шарипов Ш.Р. бар замми корбурди равишҳои поэтикаи суннатии форсии тоҷикӣ аз равишҳои нави таҳқиқи адабиётшиносӣ низ истифода шудааст, ки ин равиши таҳқиқ арзиши илмии онро баланд кардааст.

Мубрамияти дигари таҳқиқи диссертатсионии Шарипов Ш.Р. боз аз он иборат аст, ки дар он масъалаи таъсирпазирии Зуҳурии Туршезӣ аз ашъори шуарои пешин ва пайравии шоирони баъдӣ ба ғазалиёти шоир пажӯҳиш шудааст. Шарипов Ш.Р. тавонистааст, ки мавзуъҳои ишқ, тасвири май, ахлоқ, тасвири шоиронаи табиат, назари шоир дар бораи инсон ва мавзуоти дигари иҷтимоии ғазалиёти Зуҳурии Туршезиро ба таври илмӣ ва дақиқ таҳқиқ намояд. Ҳамчунин, дар диссертатсияи Шарипов Ш.Р. масъалаҳои сохтори ғазалиёти шоир, тарзҳои хоси корбурди қофияву радиф, матлаъ ва мақтаъ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ, вожагон ва таркиботи хоси ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ, корбурди ҳунарсозаҳо: ҳисомезӣ, ҳанҷоршиканӣ ва тасвирҳои парадоксӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ, корбурди румузи ранг ва вобастаҳои ададӣ дар ғазалиёти шоир, чигунагии корбурди воситаҳои баёни бадеӣ ва воситаҳои тасвири бадеӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия метавонанд дар иншои китобҳои дарсӣ, таърихнигории адабиёти форсии тоҷикӣ, адабиёти форсизабони Ҳиндустон, таърихи афкори фалсафӣ, фарҳангномаҳо, фарҳанги таркиб ва таъбирҳои шоирона, забони ғазал, сабкшиносӣ, рисолаҳои илмӣ, рисолаҳои хатм, магистрӣ ва корҳои курсӣ, таҳияи лексия барои донишҷӯёни факултетҳои филологӣ, курсҳои махсуси адабиётшиносӣ, назмшиносӣ, каломи бадеъ ва маҳфилҳои мухталифи илмию адабии бахшида ба осори суханварони сабки ҳиндӣ истифода шаванд.

Баҳсу андеша ва мулоҳизаву хулосаҳои диссертатсия дорои хусусияти актуалӣ буда, дар илми адабиётшиносии тоҷик аҳаммияти вижа доранд.

Диссертатсия барои муҳаққиқони адабиётшинос, докторантҳо, унвонҷӯён ва донишҷӯён судманд буда, ҳамчунин, барои таълифи мақолаҳои илмӣ ва китобу монографияҳо мададрасон хоҳад буд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли

2021, тахти №267 (тағйирот бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик мувофиқ аст.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 32 мақола, ки аз онҳо 22 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманданд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯй фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия буда, мақолаҳои интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Шарипов Шариф Раҳмонович иқтибосҳо ба муаллиф ва ё маъхази онҳо ишора шудаанд, ки ин гуна тарзи корбурди истинод риояи банди 37-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмиро ифода менамояд.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст.

Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Шарипов Шариф Раҳмонович дар мавзуи «Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (Масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)» таҳқиқоти комил ва кори анҷомёфта илмӣ буда, ба самтҳои афзалиятноки рушди илм иртиботи қавӣ дошта, ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мутобиқат дорад ва ба талаботи Комисссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон оид ба навиштани рисолаҳои докторӣ ҷавобгӯ мебошад ва диссертатсияи мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик ба ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Шарипов Шариф Раҳмонович дар мавзуи «Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (Масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА - 067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Салимӣ Носирҷон Юсуфзода** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Тоҷикистон, узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Данғара”;

- **Ашурова Нодира Ҷумаевна** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ”.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ — Мақсудов Баҳриддин

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ — Солеҳов Мирзо Одинаевич

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ — Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода

26 феврали соли 2024